Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферети диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсия ба таҳлили амиқи масъалаҳои марбут ба такмили механизми рушди соҳибкории истеҳолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқотӣ ба шумор рафта, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Бо дарназардоши таҳаввулоти ҷиддӣ дар соҳаи муносибатҳои бозорӣ, зиёд гардидани талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ масъалаи таҳқиқшуда саривақтӣ ва ниҳоят муҳим ба шумор меравад.

Муаллиф дар кори илмии худ кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз маълумоти назариявӣ ва методологияи муосир таҳқиқоти такмили механизми рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои муоссири мукамалгардонии рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар бахши аграрии иқтисодиёт муайян ва асоснок намояд.

Маводи таҳлилӣ ва пешниҳодҳо дар диссертатсия барои татбиқи амалии механизмҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва тақвияти рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам меорад.

Дисертант кӯшиши таҳияи унсурҳои механизми ташкилӣ-иқтисодии соҳибкории истеҳсолии кишоварзиро ба анҷом расонида, хусусиятҳои хоси ин намуди фаъолиятро дар заминаи иқтисоди бозорӣ муфассал тавзеҳ додааст. Навгониҳо дар қисматҳои моделсозӣ, таҳлили системавии омилҳои таъсиррасон ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт зоҳир мегарданд.

Дар диссертатсияи мазкур асосҳои назариявии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт бо такя ба адабиёти муосири илмӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ ва таҳқиқоти амалӣ ба таври самаранок истифода шудаанд.

Пешниҳодҳои муаллиф барои такмили механизмҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт метавонад дар таҷрибаи корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои

аҳолӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот имконияти татбиқи тавсияҳоро дар сатҳи стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳамчунин дар сиёсати давлатӣ фароҳам меоранд.

Сохтор ва муҳтавои автореферат ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат дошта, дар он ҳадаф, вазифа, объект ва предмети таҳқиқ, методологияи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии илмӣ равшан ва мантиқӣ инъикос ёфтааст.

Ҳарчанд ки кор анҷомёфта, ҷавобгӯ ба талаботи илмии замонавӣ мебошад, дар ин радиф метавон якчанд ҷиҳатро барои боз ҳам такмилёбии он зикр намуд:

- дар таҳлили муқоисавӣ ва натиҷагирӣ истифодабарии воситаҳои визуалӣ (графикҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо) дар нисбати давлатҳои тараққикарда метавонист муаррифии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам равшантар гардонад;
- омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолро дар бахши аграрии иқтисодиёт метавон бештар таҳқиқ кард.

Бояд қайн намуд, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти маҳдуд ва тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ ва амалии кор, инчунин сатҳи касбии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид аз рӯйи муҳтаво, сохтор ва сатҳи илмӣ ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттесттасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои илмии дараҷаи доктори фалсафа (PhD) мувофиқат менамояд. Таҳқиқот дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, аз ҷиҳати навоварӣ ва саҳми илмӣ дар соҳаи соҳибкорӣ қобили таҳсин аст. Дар робита ба ин, муаллиф созовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25, Б1/310: Телефон (+992) 83312 2 28 06,
Почтаи электронӣ: info.dsu2013@mail.com

*Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам:*
**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара:** **Тоирзода С.Т.**

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25, Б1/310: Телефон (+992) 905773310,
Почтаи электронӣ: avliyogulov97@mail.ru